**ҚОНУНИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Дар бораи қарзгирии давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад**

**(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999, №12, мод. 326)**

Қонуни мазкур муносибатҳоеро, ки дар рафти қарзгирии давлатӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарзгирии ғайридавлатиеро, ки аз ҷониби намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таъмини кафолати давлатӣ ба вуқӯъ мепайванданд танзим намуда, инчунин ҷораёни идора намудани қарзи давлатӣ ва қарзи бо кафолати давлатӣ гирифта шударо таъмин менамояд.

**Боби I. Муқаррароти умумӣ**

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур чунин мафҳумҳо истифода карда мешаванд:

1) **пули қарзи давлатӣ** - қарзе, ки қарзбардори он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад;

2) **қарзи давлатӣ** - маблағи гирифташуда ва бозпардохт нагардидаи пули қарзи давлатӣ дар мӯҳлати муқаррар гардида;

3) **кафолати давлатӣ** – ӯҳдадории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди қарздиҳанда ҷиҳати пурра ё қисман пардохт намудани қарз дар ҳолати аз ҷониби қарзбардор-намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт нагардидани маблағи қарз дар мӯҳлати муайяншуда;

4) **қарзи аз ҷониби давлат кафолат додашуда** - маблағи дар мӯҳлати муайян гирифта шуда ва бозпардохт нагардидаи пули қарзи ғайридавлатӣ, ки кафолати давлатӣ дорад;

5**) пули қарзи аз ҷониби давлат кафолат додашуда** - пули қарзи ғайридавлатие, ки барои он кафолати давлатӣ вуҷуд дорад;

6) **созишнома (қарордод) оиди пули қарз** – ҳуҷҷате, ки дар он муносибатҳои ҳуқуқӣ дарҷ гардидааст ва мувофиқи он қарзбардор маблағи қарзро мегирад ва дар назди қарздиҳанда ӯҳдадории бозпардохти қарз, додани баҳрабардорӣ, инчунин дигар бозпардохтҳои алоқаманд бо пули қарзро дорад;

7) **андозаи қарзи давлатӣ** - маблағи дар буҷети давлатӣ ба нақша гирифташаванда ва дар соли мувофиқ муайян гардида ва гирифташуда, вале бозпардохт нагардидаи пули қарз, ки набояд аз қарзи ҳақиқии давлатӣ дар охири соли молиявӣ зиёд бошад;

8) **андозаи додани кафолати давлатӣ -** маблағи муайяншуда ва тасдиқ гардида дар таркиби буҷети давлатӣ дар соли мувофиқи молиявӣ, ки дар ҳудуди он имкони додани кафолати давлатӣ вуҷуд дорад;

9) **андозаи қарзгирии давлатӣ** - дар соли мувофиқ дар буҷети давлатӣ муқаррар намудани ҳудуди ҳаҷми пули қарзи давлатии аз нав ҷалбшаванда;

10) **намояндаҳо (резидентҳо):**

а) ашхоси воқеие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон макони зисти доимӣ доранд, аз ҷумла ашхоси муваққатан берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, мебошанд;

б) ашхоси ҳуқуқие, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудаанд ва ба қайд гирифта шудаанд ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиранд;

в) корхона ва ташкилотҳое, ки ашхоси ҳуқуқӣ намебошанд, вале мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон созмон дода шудаанд ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиранд;

г) намояндагиҳои дипломатӣ, тиҷоратӣ ва дигар намояндагиҳои расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиранд;

д) шӯъбаҳо ва намояндагии намояндагоне, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиранд ва дар зербанди «б» ва «в» банди мазкур нишон дода шудаанд.

11) **Uайри намояндагон**

ашхоси ҳуқуқӣ ва воқеъие, ки намоянда намебошанд.

12) **Пули қарз ё қарзи берунӣ** - пули қарз ё қарзе, ки диҳандаи он дар ҳолати қарзгирӣ, ғайринамоянда мебошад;

13) **Пули қарз ё қарзи дохилӣ** - пули қарз ё қарзе, ки диҳандаи он дар ҳолати қарзгирӣ, намоянда мебошад;

14) **Коғазҳои қимматноки давлатӣ** - варақаи қарзии қарзгирии давлатӣ;

15) **Барномаи сармоягузории давлатӣ** - барномаи сармоягузории васоити давлатӣ, аз ҳисоби пули қарз ва дороии худ дар қисматҳои бартаридоштаи иқтисодиёт, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

**16) Кафолати ҷавобӣ** - кафолати бонки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бар нафъи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба сифати таъмини гирифтани кафолати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бар нафъи қарздиҳанда, барои пули қарзи намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дода мешавад.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи қарзгирии давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат**

**дода мешавад**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи қарзгирии давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад, ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шуда, аз Қонуни мазкур ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созишномаҳои байналхалқии аз ҷониби Тоҷикистон эътироф гардида, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Мақсади қарзгирии давлатӣ**

Мақсади қарзгирии давлатӣ аз ҷалб намудани воситаҳои зарурӣ барои иҷрои буҷет ва бозпардохти қарзи давлатӣ иборат аст.

Воситаҳое, ки аз рӯи пули қарзи давлатӣ гирифта шудаанд ба ҳисоби буҷети давлатӣ гузаронида мешаванд ва барои иҷрои буҷет истифода карда мешаванд, аз ҷумла ба таври истифодаи бебозгашт (хароҷотҳои буҷетӣ) ё ин ки пешниҳод намудан ба қарзбардорони дохилӣ (қарзбардорони охирин) дар асоси бозгардонидани пули қарз.

**Моддаи 4. Андозаҳои қарзгирии давлатӣ, қарзи давлатӣ ва кафолатҳои давлатӣ**

Андозаҳои қарзгирии давлатии дохилӣ ва берунӣ, инчунин кафолатҳои давлатӣ дар қонун дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли марбута, муқаррар карда мешаванд.

Андозаҳо бо арзи миллӣ ва хориҷӣ муқаррар карда мешаванд. Андозаҳо дар он сурат риоя шуда ба ҳисоб меравканд, ки агар мушахассоти онҳо бо яке аз арзҳои дарҷгардида мувофиқат дошта бошанд.

Маблағи қарзи давлатие, ки аз кафолати давлатӣ ба қарзи давлатӣ мубаддал мегардад, ҳангоми баҳодиҳии андозаи муқарраршудаи қарзи давлатӣ, ба эътибор гирифта намешавад.

Дар ҳолате, ки қарзи давлатии ҷалбгардида барои бозпардохти ӯҳдадориҳои қарзии мӯҳлаташон расида, аз рӯи бозгардонии қисми асосии қарзи давлатӣ равона карда мешавад, ҳаҷми ин қарзгирӣ мутобиқи андозаи бозпардохти дар пеш буда, ҳангоми баҳо додан ба риояи андозаи муқаррар гардидаи қарзи гирифтаи давлатӣ, ба эътибор гирифта намешавад.

**Моддаи 5. Ваколати мақомоти давлатӣ дар соҳаи қарзгирӣ ва идора намудани қарзи давлатӣ**

Маҷлиси намояндагони Ҷумҳурии Тосикистон:

Ҳуқуқҳои ба ӯ додаи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистонро татбиқ намуда, буҷети давлатиро тасдиқ мекунад, барои додан ва гирифтани қарзи давлатӣ иҷозат медиҳад.

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Ҳукумат):**

1) ҳар сол, ҳангоми тартиб додани лоиҳаи буҷети давлатӣ, барномаи қаразгириро дар соли оянда қабул менамояд, ки мувофиқи он қарзгирии давлатӣ бо назардошти сиёсати буҷетии давлат ва барномаи сармоягузории давлатӣ мавриди амал қарор мегирад;

2) оид ба зарурияти ҷалб намудани пули қарзи давлатӣ ё пули қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад, қарор қабул менамояд;

3) тартиби бурдани гуфтушунидро бо қарздиҳандагон, имзо намудани ҳуҷҷатҳои мувофиқро барои гирифтани қарз, гирифтан, хисоб бурдан ва истифода кардани воситаҳои қарзӣ, инчунин идора намудан ва пардохт кардани қарзҳои гирифтаи давлатиро, муайян мекунад;

4) идора намудани қарзи давлатиро ташкил мекунад;

5) дар таркиби лоиҳаи буҷети давлатӣ барои соли молиявии навбатӣ, маблағи қарзгирии давлатии ба ин буҷет дохилшаванда, андозаҳои қарзи давлатӣ, қарзгирии давлатӣ, андозаҳои кафолатҳои давлатии додашаванда ва маблағи воситаҳои қарзиро, ки барои идора кардани қарзи давлатӣ пешбинӣ шудааст, инчунин маблағи зарурии захираи буҷетӣ, ки барои идора намудани ӯҳдадориҳои аз рӯи кафолатҳои давлатӣ дода шударо муайян мекунад;

6) салоҳияти мақомоти давлатии идоракуниро дар соҳаи гирифтани қарзи давлатӣ ва идора намудани қарзи давлатӣ муқаррар мекунад;

7) фаъолияти мақомоти давлатии идоракуниро дар соҳаи гирифтани қарзи давлатӣ ва идора намудани қарзи давлатӣ, ҳамоҳанг месозад;

8) ҳамчун кафили қарзҳои гирифташудаи ғайридавлатии кафолати давлатӣ дошта, баромад мекунад;

9) дигар ваколатҳоеро, ки дар Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд, мавриди амал қарор медиҳад.

**Бонки Миллии Тоҷикистон:**

1) бо ризоияти Ҳукумат хизматрасонии техникии қарзи давлатиро, амалӣ мегардонад;

2) ба Ҳукумат мувофиқи қонун қарз медиҳад;

3) бо ризоияти Ҳукумат, аз номи ӯ метавонад мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бонки Миллии Тоҷикистон», қарзи давлатӣ бигирад.

**Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Вазорати молия):**

1) барномаи гирифтани қарзро барои соли оянда дар асоси дурнамои тӯлонии рушди иқтисодӣ бо назардошти барномаи сармоягузории давлатӣ, тарҳрезӣ менамояд;

2) ба Ҳукумат оиди зарурияти ҷалб намудани васоити қарзиро пешниҳод ироа менамояд, ҳисоби қарзҳои гирифтаи давлатиро мебарад;

3) воситаҳои пулии қарзҳои давлатиро мегирад, мавриди истифода қарор медиҳад ва бозгардонидани онҳоро мувофиқи андоза ва ваколатҳои аз ҷониби Ҳукумат муайяншуда, агар дар шартномаҳои қарзгирӣ он пешбинӣ шуда бошад, амалӣ

мегардонад;

4) қарзҳои давлатиро идора менамояд;

5) ба дигар бонкҳо барои хизматрасонии қарзҳои давлатӣ ваколат медиҳад;

6) дар асоси қарорҳои Ҳукумат коғазҳои қимматноки давлатӣ мебарорад;

7) дар асоси қарорҳои Ҳукумат кафолати давлатӣ медиҳад;

8) дигар ваколатҳои дар Қонуни мазкур пешбинӣ шударо мавриди амал қарор медиҳад.

Ҳеҷ ягон мақомоти давлатӣ ба ғайр аз Вазорати молия ва бонки Миллии Тоҷикистон ҳуқуқи амалӣ намудани қарзгирии давлатиро надоранд.

Мақомоти ҳокимияти давлатӣ (ҳукуматҳо) дар маҳалҳо ҳуқуқи амалӣ гардонидани қарзгирии давлатиро дар чӣ шакле, ки набошад, надоранд.

**Моддаи 6. Комиссияи Байниидоравӣ оиди қарзҳои берунии давлатӣ**

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии назорат аз болои қарзҳои хориҷии ба ҷумҳурӣ ҷалбшаванда, ки қарзҳои давлатии беруниро ташкил медиҳанд, иҷро намудани шартҳои пули қарзи давлатӣ ва ё аз ҷониби давлат кафолат дода шуда, аз тарафи Ҳукумат комиссияи Байниидоравӣ оид ба қарзҳои берунӣ таҳти раёсати Вазири молия таъсис дода мешааад. Дар ҳайати комиссияи Байниидоравӣ Раиси бонки Миллии Тоҷикистон, инчунин дигар роҳбарони вазоратҳо ва идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи салоҳдиди Ҳукумат дохил карда мешаванд.

Комиссия фаъолияти худро дар асоси низомномаи аз ҷониби Ҳукумат тасдиқ гардида, мавриди амал қарор медиҳад.

**Моддаи 7. Бурдани ҳисоби қарзи давлатӣ ва кафолати давлатӣ барои гирифтани пули қарз**

Вазорати молия ҳамаи ӯҳдадориҳои аз рӯи қарзи давлатӣ гирифташуда, кафолатҳои давлатии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуда ва қарзҳои гирифташавандаи кафолатнокро мувофиқи тартиби муайяннамудаи Ҳукумат ба қайд гирифта, ҳисоббарии ҳамаи онҳоро ҷорӣ менамояд.

Маълумотҳои ҳисоботие, ки бояд тавсиф ва ахбори оморӣ дошта бошанд, мувофиқи тартиботи муқарраршуда, ба дафтари қайди ҳисобдорӣ ворид карда мешаванд.

Дафтари қайди қарзи давлатӣ ва дафтари қайди кафолатҳои давлатии қарзгирӣ мунтазам аз ҷониби Вазорати молия таҷдид карда шуда, нашр карда мешаванд.

## Боби II. Қарзгирии давлатӣ ва қарзи давлатӣ

**Моддаи 8. Иҷро намудани ӯҳдадориҳо ва шартҳои қарзи давлатӣ**

Ҳукумат бозпардохти пурраи маблағи баҳрабардорӣ ва маблағи асосии қарзи давлатиро мувофиқи шартҳои коғазҳои қимматноки давлатӣ ё созишномаи оид ба гирифтани қарзро новобаста аз он ки ӯҳдадориҳо (маблағҷудокуниҳо) дар таркиби буҷети давлатӣ дохил карда шудаанд, таъмин менамояд.

**Моддаи 9. Шаклҳои қарзгирии давлатӣ**

Қарзгирии давлатӣ аз чунин шаклҳо иборат аст:

1) Коғазҳои қимматноки давлатӣ;

2) Созишномаҳо оид ба пули қарз.

**Моддаи 10. Коғазҳои қимматноки давлатӣ**

Ба Вазорати молия чунин ҳуқуқи истисноӣ дода мешавад:

- барориши коғазҳои қимматноки давлатӣ мувофиқи муқаррароти Қонуни мазкур;

- қабул намудани қарор оид ба шартҳои сиришта кардан ва ба фурӯш баровардани коғазҳои қимматноки давлатӣ дар бозор.

Бонки Миллии Тоҷикистон мувофиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бонки Миллии Тоҷикистон» ва бо ризоияти Ҳукумат метавонад дар ташкили хизматрасонии коғазҳои қимматноки давлатӣ иштирок дошта бошад.

Барориши коғазҳои қимматноки давлатӣ дар шакли бесанад ва санаддор дар натиҷаи истифода кардани шаҳодатномаи пулии умумӣ ё шаҳодатномаи пулии алоҳида амалӣ мегардад. Вазорати молия инчунин ваколатдор аст, ки бевосита ё тавассути намояндаи ташкилотҳои хазинаи давлатӣ сохти компютерикунонидашудаи барориши коғазҳои қимматноки давлатии бесанадро ба роҳ монад.

Барориши коғазҳои қимматноки давлатие, ки дар шакли гузаронидан бо сохти бесанад амалӣ мегарданд, баробарарзиш ба коғазҳои қимматноки шакли санаддор мебошанд, ба истиснои он, ки барориш, бурдани ҳисобот амалиёт бо чунин коғазҳои қимматнок бо илдоваи бозпардохт, бо роҳи гузаронидан (феълан дар шакли компютеришуда) ба воситаи миёнаравҳое, ки вазифаи вакил ё нигоҳдорандаро иҷро мекунанд, сурат мегирад.

Дар ҳолати истифода бурдани шаҳодатномаи пулии умумӣ, барои тасдиқи барориши коғазҳои қимматноки давлатӣ, чун шаҳодатномаи пулии ягона маҷмӯи элементҳои як пули қарзро ифода мекунад, яъне маблағи умумии барориши як намуди муайяни бо ҳамон таърихи муайян барориш, мӯҳлати бозпардохт ва ғайраро дар бар мегирад. Шаҳодатномаи пулии умумӣ аз ҷониби Вазорати молия баровarda шуда, рақами ба худ хосро мегирад ва дар амонат гузошта шуда, дар бонки Миллии

Тоҷикистон бо таърихи барориш, то бозпардохт гардидани шаҳодатнома аз рӯи расидани мӯҳлаташ нигоҳ дошта мешавад. Талаботи сармоягузорон, ки дар ин шаҳодатномаи пулӣ нишон дода шудаанд, дар ҳисобҳои бухгалтерӣ ба воситаи миёнравҳо дарҷ шуда, ҳамин тавр, ҳамчун коғазҳои қимматноки фақат дар шакли ҳисоботи бухгалтерӣ бароварда шуда ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Коғазҳои қимматноки давлатии дар шакли санад нашр шуда, аз рӯи номгӯи пули қарз, шумораи умумӣ, арзиши пулӣ, таърихи бароριш ва бозпардохт мутобиқ карда мешаванд ва онҳо метавонанд марбут ба шахси алоҳида ё пешниҳодкунанда бошанд.

Коғазҳои қимматноки давлатие, ки дар шакли бесанад ва санаддор бароварда мешаванд, аз рӯи шартҳо ва ҳолатҳои барориши онҳо, ки бо санадҳои меъёрии Вазорати молия танзим мегарданд, муайян карда мешаванд. Аз рӯи шартҳои истифодабариашон, коғазҳои қимматноки давлатӣ метавонанд муомилотӣ ва ғайримуомилотӣ (амрӣ ё ғайри амрӣ) бошанд. Онҳо метавонанд аз музояда бо дисконт, ё нархи муайянкардашуда ва ё аз рӯи қурбнокӣ фурӯхта шаванд. Вазорати молия арзиши пулии коғазҳои қимматнок, таърихи бароριш ва бозпардохт ва ҳаҷми пешниҳодшавандаи онҳо, инчунин мӯҳлатҳои пардохти баҳрабардориро ҳангоми ҳисоб кардани онҳо, муайян мекунад.

## Боби III. Кафолати давлатӣ аз рӯи пули қарз

### Моддаи 11. Кафолати давлатӣ аз рӯи пули қарз

Кафолати давлатӣ, яке аз ӯҳдадории шартноки Ҳукумат мувофиқи шартҳои созишномаи кафолатнок (ӯҳдадориҳои кафолатнок) мебошад. Ехдадорӣ фақат дар он сурат мувофиқи шартҳои кафолат, мавриди амал қарор мегирад, ки агар гирандаи воситаҳои пулии қарз, ки аз рӯи он кафолат дода шудааст, бозпардохти ин қарзро пурра ва ё қисман, бо баҳрабардории муқараршуда, мувофиқи муқарраротӣ созишнома оиди пули қарз ва ҳуҷҷатҳои дахлдори меъёрӣ, иҷро накарда бошад.

Кафолатҳои дохилии давлатӣ аз рӯи пули қарз ва кафолатҳои берунии давлатӣ аз рӯи пули қарз мувофиқан дар он ҳангом ба қарзи дохилӣ ва берунии давлатӣ мубаддал мегарданд, ки агар Вазорати молия мувофиқи шартҳои кафолат, маблағ ё маблағҳои ҳисоб кардашударо аз рӯи пули қарзе, ки кафолат дода шудааст, мувофиқи шартҳои қарзгирӣ, адо нагардида, муайян намояд. Ин муайянкунӣ аз хулосаи хаттии Вазорати молия иборат буда, оид ба зиммаи Ҳукумат гузоштани иҷрои ӯҳдадории пардохти пули қарзро, мувофиқи кафолати давлатии додашуда, тасдиқ мекунад.

### Модддаи 12. Ваколат барои додани кафолати давлатӣ ҷиҳати гирифтани пули қарз

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фақат Вазорати молия ягона мақоми ваколатдор аст, ки кафолати давлатӣ бидиҳад. Кафолати давлатӣ фақат дар асоси қарори ҳукумат, мувофиқи андозаи дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатӣ» дар соли мувофиқ дода мешавад. Тартиб ва шартҳои додани кафолати давлатиро Ҳукумат муқаррар мекунад. Барои додани кафолати давлатӣ мувофиқи тартиб ва андозаи муқаррар кардаи Ҳукумат хироҷ гирифта мешавад.

### Модддаи 13. Талаботҳои умумие, ки ба ашхоси дархосткунанда пешниҳод карда мешаванд

Ашхоси дархосткунанда барои гирифтани кафолати давлатӣ ӯҳдадоранд:

а) шахси ҳуқуқӣ ва намояндаи (резиденти) Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад;

б) фаъолияти соҳибкорро амалӣ гардонанд;

в) соҳиби доροй буда, ё кафолати ҷавобии шахси сеюмро, ки талаботи ба кафолати ҷавобӣ марбутро ба сифати бозгардонии пули қарз қонеъ гардонад, дошта бошад.

г) аз рӯи кафолати давлатии пештар дода шуда ӯҳдадориҳои бидуни иҷро монда ва дигар ӯҳдадориҳо дар назди буҷет надошта бошад.

Ҳукумат метавонад дигар талаботҳои иловагии ба ашхоси дархосткунанда пешниҳодшавандаро, ки ба Қонуни мазкур мухолиф набошанд, вобаста ба шартҳои қарзгирии ғайридавлатӣ ва дараҷаи бехавфии лоиҳаи сармоягузорӣ муқаррар намояд.

### Моддаи 14. Интихоб намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои додани кафолати давлатӣ

Кафолатҳои давлатӣ мувофиқи рӯйхати ҳарсола тасдиқкардаи Ҳукумат оиди бахшҳои бартарӣ доштаи иқтисодиёт, барои фарзан маблағгузорӣ кардан аз ҳисоби ҷалб намудани қарзҳои ғайридавлатӣ бо кафолати давлатӣ, дода мешаванд. Рӯйхати мазкур дар матбуот бояд ҳатман нашр карда шавад.

Интихоб намудани лоиҳаи сармоягузорӣ аз ҷониби мақоме, ки Ҳукумат ваколатдор намудааст, дар асоси мусобиқа (конкурс), мувофиқи тартиби муайян кардаи Ҳукумат, бо хулоса ва баҳодиҳии фоиданокии иқтисодии лоиҳа амалӣ мегардад.

Барои иштирок дар мусобиқаи (конкурси) лоиҳаҳои сармоягузорӣ, шахси дархосткунанда ба мақоме, ки Ҳукумат ваколатдор намудааст, муроҷиат мекунад.

Дар ҳолате, ки шахси дархосткунанда эътибори қарзадокунии дахлдор ва таъмини зарурии ӯҳдадории кафолатнокро аз рӯи лоиҳаи сармоягузорӣ дошта бошад, ё ин ки аз рӯи чунин лоиҳа кафолати ҷавобии мувофиқи шахси сейӯмро дошта бошад, он гоҳ шахси дархосткунанда ҳуқуқ дорад бевосита ба Вазорати молия барои гирифтани кафолати давлатӣ муроҷиат намояд.

Дараҷаи эътибори қарзадокунӣ, рӯйхати намояндагиҳои бо эътибор ва талаботҳое, ки кафолатдиҳандагони ҷавобӣ пешниҳод карда мешаванд, аз ҷониби Ҳукумат муқаррар карда мешаванд.

Вазорати молия аз рӯи дархостҳои қабул намудааш, инчунин аз рӯи дархостҳои ворид гардидае, ки аз ҷониби мақоме, ки Ҳукумат ваколатдор кардааст, хулосаи мусбӣ доранд, аз рӯи шартҳои маблағгузории лоиҳа, дар чаҳорчӯби андозаи кафолатҳои

давлатӣ хулоса дода, рӯйхати лоиҳаҳои сармоягузориҳоеро, ки аз ҳисоби ҷалб намудани қарзҳои кафолати давлатӣ дошта маблағгузорӣ карда мешаванд, ба комиссияи Байниидоравӣ оид ба қарзҳои берунаи давлатӣ, пешниҳод мекунад.

Ҳукумат, рӯйхати пешниҳод намудаи комиссияи Байниидоравии оид ба қарзҳои берунаи давлатиро, дар бораи лоиҳае, ки аз ҳисоби ҷалб намудани қарзҳои бо кафолати давлатӣ гирифташаванда маблағгузорӣ мешаванд, тасдиқ мекунад.

**Моддаи 15. Шакли кафолати давлатӣ**

Кафолати давлатӣ бояд шакли созишномаро дар бораи додани кафолати давлатӣ (созишномаи кафолатнок), ки байни Вазорати молия ва қарздиҳанда баста мешавад ё ин ки хабарномаи хаттии (ӯҳдадории кафолатнок) Вазорати молияро, дошта бошад.

Созишномаи кафолатдор аз лаҳзаи аз ҷониби тарафайн имзо гардиданаш, мавриди амал қарор мегирад, агар дар созишнома чизи дигар пешбинӣ нашуда бошад.

Еҳдадории кафолатдор аз рӯзи дода шуданаш амалӣ мегардад.

Созишномаи кафолатдор, ӯҳдадории кафолатдор аз рӯи ҳар як лоиҳаи сармоягузорӣ аз ҷониби Вазири молия ё шахси вазифаи ӯро иҷрокунанда имзо карда мешавад.

Ҳамаи кафолатҳои давлатӣ мувофиқи тартиби муқарар намудаи Вазорати молия ба қайд гирифта мешаванд.

**Моддаи 16. Мазмуни кафолати давлатӣ**

Дар созишномаи кафолатдор ва ӯҳдадории кафолатдор бояд нишон дода шаванд:

1) қарори Ҳукумат, ки мувофиқи он лоиҳаи сармоягузори дар рӯйхати лоиҳаиҳои сармоягузории аз ҳисоби ҷалб намудани қарзҳои дорои кафолати давлатӣ маблағгузоришаванда дохил шуда бошад;

2) шахси мансабдоре, ки кафолати давлатӣ дода мешавад;

3) маблағи умумие, ки барои он кафолати давлатӣ дода мешавад;

4) мазмуни ӯҳдадории асосии қарзбардор аз рӯи қарзгирие, ки кафолати давлатӣ дорад;

5) мӯҳлате, ки дар давоми он кафолати давлатӣ дода шудааст.

Дар сурати дар созишномаи кафолатдор ва ӯҳдадории кафолатдор набудани шартҳои банди 1 қисми якуми моддаи мазкур ё имзо шудани онҳо аз ҷониби шахси беваколат бо риоя нагардидани қисми чаҳоруми моддаи 15-и Қонуни мазкур, кафолати давлатӣ беэътибор ҳисоб карда мешавад.

Фақат ҳамон ҳуҷҷате кафолати давлатӣ ба шумор меравад, ки он ба талаботи моддаҳои 15 ва 16 Қонуни мазкур мувофиқ бошад.

Санадҳо ё дигар ҳуҷҷатҳои мақомотҳои давлатӣ ва ашхоси мансабдори онҳо, рухсатномаҳо, амри хаттӣ, супоришҳое, ки созишномаи қарзгирӣ, шартҳои он ва қобилияти қарзадокунии қарзбардорро ҷонибдорӣ ва тасдиқ мекунад, вале ба талаботи моддаҳои 15 ва 16 Қонуни мазкур мувофиқ нестанд, амали кафолати давлатиро надоранд.

**Моддаи 17. Рӯёнидани воситаҳои пулӣ аз рӯи кафолати давлатӣ оид ба қарзи гирифтаи дохилӣ ва берунӣ**

Баъди ба қарздиҳанда гузаронидани маблағи қарзи гирифтаи дохилӣ ва берунӣ аз рӯи кафолати давлатӣ ба Вазорати молия ҳамаи ҳуқуқ ва воситаҳои ҳифзи ҳуқуқии ташкилот-қарзбардори пули қарзи кафолати давлатидошта мувофиқи созишномаи қарзӣ мегузаранд.

Вазорати молия ваколатдор аст, ки ҳама гуна чораҳоеро, ки дар Қонуни мазкур, дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, мавриди амал қарор диҳад ва маблағи кафолатро, аз ҷумла хароҷоти бо он вобаста бударо беқилуқол бирӯёнад.

## Боби IV. Муқаррароти хотимавӣ

**Моддаи 18. Назорат аз болои истифодаи воситаҳое, мувофиқи созишномаи (қарордоди) қарзии дорои кафолати давлатӣ гирифта шудаанд ва ҷавобгарӣ барои истифодаи онҳо**

Барои истифодаи воситаҳое мувофиқи созишномаи (қарордоди) қарзие, ки ба кафолати давлатӣ гирифта шудааст, Вазорати молия, мувофиқи тартиботи муқарарркардаи Ҳукумат назорат мебарад.

Қарзбардор аз рӯи пули қарзи гирифтаи дорои кафолати давлатӣ дошта ва бонки кафолати ҷавобӣ дода барои мувофиқи мақсад истифода накардани воситаҳои қарзии аз рӯи кафолати давлатӣ гирифташуда ва баргардонидани воситаҳое, ки барои аз тарафи Вазорати молия иҷро гардидани ӯҳдадориҳо аз рӯи кафолати давлатӣ ҳангоми аз тарафи қарзбардор иҷро нагардидани ӯҳдадориҳои қарзӣ истифода шудаанд, мувофиқи қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 19. Ҳал намудани баҳсҳо**

Баҳсҳо ва ихтилофҳои бо созишномаи (қарордоди) оиди қарзгирӣ, баровардани коғазҳои қимматноки давлатӣ, кафолатҳои давлатӣ ё дар иртибот ба фаъолияти онҳо, аз ҷумла идора кардани қарзи давлатӣ ё қарзи кафолатноки давлатӣ алоқаманд, аз рӯи имкон ба тарзи гуфтушунид мувофиқи қоидаҳои пештар мутобиқ кардашудаи ҳалли баҳсҳо, ки дар созишномаи (қарордоди) оид ба гирифтани қарз, қоидаҳои баровардани коғазҳои қимматноки давлатӣ муқаррар кардашудааст ва дар сурати вуҷуд надоштани чунин муқаррарот, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешаванд

**Моддаи 20. Тартиби мавриди истифода қарор додани меъёрҳои Қонуни мазкур нисбати муносибатҳои ҳуқуқие, ки то дар амал татбиқ гардидани он ба вуқӯъ мепайвандад**

Аз рӯи муносибатҳои ҳуқуқие, ки то дар амал татбиқ гардидани Қонуни мазкур ба вуқӯъ мепайванданд ва баъди амалӣ гардидани он идома меёбанд, меъёрҳои Қонуни мазкур дар бахшҳое истифода бурда мешаванд, ки мухолифи шартҳои созишномаҳои (қарордодҳои) пешин имзогардида ҷиҳати пули қарз ва кафолати давлатии мавриди амал қарор гирифта набошанд.

**Моддаи 21. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур**

Вайрон кардани Қонуни мазкур боиси ҷавобгарии бо қонун муқарраршуда мегардад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Э. Раҳмонов**
**ш. Душанбе 11 декабри соли 1999**
**№886**

**ҚАРОРИ МАҶЛИСИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Оиди мавриди амал қарор додани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи қарзгирии давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад"**

**(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999, №12, мод.327)**

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи қарзгирии давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад" пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санадаҳои меъёрии худро бо Қонуни мазкур мутобиқ гардонад.

**Раиси Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С. Раҷабов**
**ш. Душанбе 11 декабри соли 1999**
**№887**